**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Соқиева Парвииа Зафаровиа дар мавзуи "Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун») барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ).**

Низомӣ яке аз барҷастатарин шоирони форсу тоҷик аст, ки абёти фаровонеро дар заминаи афкори назарӣ- адабӣ ихтисос додааст ва назариёти худро аз дидгоҳҳои мухталиф матраҳ намудааст, ки метавон ӯро дар ин замина беназир донист.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар адабиётшиносии замони истиқлол аз тарафи муҳаққиқони ҷавон мавзуоти барои аҳли таҳқиқ норавшану мубҳам бештар мавриди пажӯҳиш қарор мегиранд. Тадқиқи диссертатсионии Соқиева П. З. аз шумори чунин мавзуъҳои муҳим буда, дар таҳқиқу баррасии ҳунари шоирии Низомии Ганҷавӣ маводи илмии фаровонеро ироа менамояд.

Мавзуи баҳс аз муқаддима, се боб бо ҳафт фасл, ҳашт зерфасл, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳо иборат буда, рисоланавис бо диду назари тоза, корбурди манобеи муҳими адабиву илмӣ, муқоисаву муқобалаи афкори назарияпардозону балоғиёнро бо далоили муътамад мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Диссертант дар қисмати муқаддимаи диссертатсия чун анъана мувофиқи талаботи муқарраршуда роҷеъ ба аҳамият ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, усулҳои таҳқиқот, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф сухан дар миён гузоштааст.

Боби нахустро диссертант - «Назари Низомии Ганҷавӣ ба сухан, шеъру шоирӣ ва эҷоди бадеӣ» ном ниҳода, ки он мабоҳиси чун: сухан ва суханвар аз диди Низомии Ганҷавӣ ва каломи бадеӣ аз назари шоирро дар бар мегирад, ки муҳаққиқ хело мудаққиқона ва мӯшикофона роҷеъ ба сухан, суханвар ва каломи бадеӣ маълумоти муфид ироа намудааст.

Муҳаққиқ боби дуюми рисоларо «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун» унвонгузорӣ намуда, боби мазкур аз ду фасл ва чаҳор зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб диссертант оид ба ҳунари шоирӣ, сохту муҳтавои достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун», маҳорати симоофарии Низомӣ дар достонҳои мавриди назар сухан дар миён гузоштааст.

Боби сеюми кор «Корбурди ҳунармандонаи забону баёни бадеъ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ» иом дошта, аз се фасл – забон ва ҳусни баён дар достонҳои ишқии Низомӣ,

истифодаи моҳиронаи истилоҳоти мусиқӣ дар «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун», инъикоси андешаҳои ахлоқии Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин» -у «Лайлӣ ва Маҷнун» фароҳам омада, фасли аввали боби мазбурро диссертант боз ба чаҳор зерфасл: корбурди санъатҳои ташбеҳ, истиора, муболиға, талмеҳ дастабандӣ намудааст.

Ниҳоятан, дар қисмати охир диссертант хулосаҳояшро ба ду қисмат ҷудо кардааст. Дар қисмати аввал, ки онро "Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия" ном гузоштааст, бори дигар андешаҳояшро дар мавриди ҳар фасли диссертатсия ба таври фикри комил ҷамъбаст менамояд. Дар қисмати дувуми хулосагирӣ "Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо" унвон гирифтааст, ки дар 6 банд хулосаҳояшро барои таҳқиқоти минбаъда мавриди корбурд пешниҳод менамояд.

Дар автореферати диссертатсияи мазбур дар баробари муҳассанот баъзе аз навоқис мушоҳида шуданд, киислоҳи онҳо арзиши корро боло мебарад:

1. Хуб мешуд, ки диссертант дар автореферат аз теъдоди бештари абёт ба унвони шоҳид зикр мекард.
2. Баъзе истилоҳоти мусиқие, ки дар фасли дуюми боби севум таҳти унвони "Истифодаи моҳиронаи истилоҳоти мусиқӣ дар «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун» омадааст, монанди "ҷарас", "абрешими соз", "Моҳ бар кӯҳон", "Нимрӯз" ва амсоли инҳо дар автореферат ба шарҳу тафсир ниёз доранд (саҳ 21.).
3. Дар автореферат бархе ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест.

Бояд таъкид кард, ки камбудиҳои дар фишурдаи диссертатсия ҷой дошта, ҷузъӣ буда, арзиши илмии онро кам намекунад.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи "Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун») таҳқиқоти комил ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Протоколи №0 аз 28.11.2022.

Донишгоҳи давлатии Тирмиз, сармуаллими кафедраи
Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ: н.ф.ф. Д.Муқумова

**«____»___________2022с.**

**Суроға:190111,ҶӮ,вилояти Сурхондарё,**
**Ш.тирмиз, кӯчаи Баркамол авлод. 43**
**E-mail:lion53974@gmail.com**
**Имзои номзади илмҳои филологӣ Муқумова Дилафрӯзро**

**Тасдиқ мекунам:**

**Сардори шӯъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи давлатии Тирмиз Жӯраева Барно**